# НЕЪМАТИ АМН БЕХТАРИН ДОРОӢ

Ватан хонаи умед, сарчашмаи хама хушбахтихо, ифтихору такягохи хар яки мо мебошад. Чун мо хамеша ифтихор аз Миллат, аз Ватан, ва Конститутсия мекунем, бояд донем, ки миллат дар таъбири имрӯза вохиди бузурги инсонӣ аст, ки чамоатхо ва кавмхои инсониро бо фархангу огохии муштарак ба хам пайванд медихад. Хар як инсон бояд аз Ватани худ ифтихор кунад. Ифтихори ватандорӣ аз донистани таърихи фарханги миллат сарчашма мегирад.

Точикистон – Ватани азизу махбуби мост. Таърих гувох аст, ки фарзандони фарзонаи халки  точик, бахри дифоъ аз манфиатхои миллӣ чонфидоихои зиёд кардаанд ва ин намунаи олии ватандорист. Ватан-модарро азиз доштан, ба мукаддасоташ арч гузоштан ва дар навбати худ ободу шукуфо гардонидани он фарзи имонӣ ва карзи шахрвандии хар як фарди ватандӯст ва худогоху хештаншинос мебошад.

Дар таълимоти дини ислом низ Ватан модари дуюм арзёбӣ мегардад. Дӯст доштан ва ободу шукуфо гардонидани Ватан яке аз фармудахои дини мубини ислом мебошад ва кавли машхури  *«**Мухаббат ба Ватан аз имон аст**»* далели ин гуфтахост.

Сулху салох, амну суботи Ватан барои инсон неъмати бузургест, ки бидуни он хаёти хешро бо саодатмандӣ наметавон гузаронид.

Касе дар кишвар ноили амн гардад ва дар бадан ноили тандурустӣ, чунин кас тамоми дунёро ноил гардидааст. Зеро неъмати амн аз дунё ва тамоми дороии он бехтар аст.

Паёмбар Мухаммад (с) фармудаанд: “***Касе аз шумо сахар бархезад, дар худ амнро хис кунад ва дар бадан тансихатиро, дар назди ӯ кути хамонрӯзааш бошад, чунон аст, ки барояш дунё чамъ оварда шудааст”***
(Ривояти Тирмизӣ ва Ибни Моча).

Аз тарафи ташкилотхои бонуфузи чахонӣ хамчун давлати амнтарин эътироф гардидани Точикистон боиси сарфарозии хар як ватандор гардидааст. Худоро шукр, мо имрӯз Ватани орому осуда дорем ва бояд сулху суботи онро чун гавхараки чашм хифзу эхтиёт кунем.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон борхо таъкид намудаанд, ки “Точикистон – ин Ватани бихиштосоро дӯст доред ва онро чун амонати ачдодонамон химоя намоед!”

Бо дарназардошти ахаммияти чиддӣ доштани масъалаи дӯст доштани Ватан мо бояд Ватани худро сидкан ва баробари чони хеш дӯст дорем, ватандӯсту механпарасти вокеӣ бошем, шукронаи неъмати бузургтарин - сохибватанӣ ва озодиро ба чо орем ва барои химояи сарзамини ачдодӣ хамеша омода бошем.

**Аличон Саидзода– мудири шуъбаи рушди ичтимоӣ ва робита бо чомеаи дастгохи раиси нохияи Зафаробод**